“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
Ибодуллозода А.И.________
«_____»__________2023

Суратҷаласаи №9

ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ, факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

23.06.2023с. ш. Душанбе

**Иштирок карданд:** Рауфӣ А. – д.и.и., профессор, Азизов Ш.С. – н.и.и., профессор, Ғафборзода Ҷ. - н.и.и., дотсент, Аюбов Д.М. – н.и.и., дотсент, Шодии Д. – н.и.и., дотсент, Арабов Ф. – н.и.и, Гурезов С. – н.и.и., Самизода Т. – н.и.и., Самиева М. – н.и.и., Мирзоев С. – ассистент, Ализода Ҳ. – муаллими калон, Мавзуна А. – ассистент, Ҳамдамзода – ассистент.

**Рӯзнома:**

1. Муҳокимаи кори диссертатсионии Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳоли маҳсулоти ширӣ, дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе”, барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – иқтисодиёти соҳаҳо (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Роҳбари илмӣ – Абдуғаффор Рауфӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ва Ғафборзода Ҷонона Ғаффор номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

**Шунида шуд:**

Маълумоти Сафарзода Г.Г. аз рӯи мавзуи кори диссертатсионӣ. Пас аз баён намудани мазмуни мухтасари рисолаи илмӣ аз тарафи д.и.и.,

профессор Рауфӣ А., н.и.и., профессор Ш.С., н.и.и., дотсент Шодии Д., н.и.и. Самиева М. ва дигарон саволҳо дода шуданд.

Ба саволҳои додашуда аз тарафи аспирант ҷавобҳои пурра дода шуд.

Дар муҳокимаи кори диссертатсионии Сафарзода Г. иштирок намуданд: Рауфӣ А. – д.и.и., профессор, Азизов Ш.С. – н.и.и., профессор, Ғаффорзода Ҷ. - н.и.и., дотсент, Аюбов Д.М. – н.и.и., дотсент, Шодии Д. – н.и.и., дотсент, Арабов Ф. – н.и.и, Гурезов С. – н.и.и., Самизода Т. – н.и.и.

Баромадкунандагон дар муҳокимаи кори диссертатсионии Сафарзода Г. муҳимияти мавзуи тадқиқотӣ, дараҷаи таҳлил ва навгониҳои он, аҳамияти амалии кори илмии тадқиқотӣ ва дар амал татбиқ намудани натиҷаи таҳқиқот, саҳми аспирантро дар коркарди масъалаҳои назариявии тадқиқоти мазкур пайдо намуданд. Инчунин дар баромади худ муқарризон ва баромадкунандагон қайд намуданд, ки тафсири баъзе масъалаҳои рисолаи илмӣ тақозо менамояд, ки аниқтар баён карда шаванд.

**Қарор карда шуд:**

Дар асоси овоздиҳии кушода (Тарафдор – 11, Бетараф – 0, Муқобил - 0).

**Муқаррар карда шуд:**

**Аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқотшаванда.** Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои нигоҳдорӣ ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳлили мунтазами фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳам истеҳсоли молӣ ва ҳам истеҳсоли технологӣ аҳамияти махсус дорад.

Шомил шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо корхонаҳои саноатиро водор менамояд, ки натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол намоянд. Рақобатпазирии маҳсулот асосан аз рӯи хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш ва тафриқабандии

он муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мушкилоти мубрам ва бефосила ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати дарёфти роҳҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширии корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии он дар асоси омӯзиши моделҳои иқтисодӣ модели кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ тартибдодашуда дар таҷрибаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе баррасӣ гардид, ки он принсип ва вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракуниро дар бар мегирад.

Саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул гардида, рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори саноатии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад.

Дар баробари ин сиёсати макроиқтисодии давлатро танҳо низоми қарзҳо, имтиёзҳои андоз ё дигар тадбирҳои молиявии дастгирӣ ё ҷазо додани корхонаҳо фаҳмидан нодуруст мебуд. Дар ихтиёри давлат фишангҳои зиёди ғайримолиявӣ мавҷуд аст, ки ба вай имкон медиҳанд на танҳо ба рафтори беруна, балки ба механизмҳо ва хусусиятҳои дохилии фаъолияти корхонаҳо таъсир расонанд. Ба мақсад мувофиқ истифода бурдани ин фишангҳо ба ҳамдигар имконият медиҳад, ки таъсири онҳо пурзӯр гардида, ба самараи баланди ҳаракат дар самти дилхоҳ ноил гардад. Дар айни замон, ба фикри мо, на бештар масъалаи “ба корхонаҳо чӣ тавр таъсир расондан”, балки масъалаи “корхонаҳо бояд чӣ гуна бошанд” аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки ин масъала мавзӯи асосии омӯзиши кори илмӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия аз асосноккунии назариявии идоракунии фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва тадбиқи амалии идоракунии баландбардории фоида дар корхонҳаои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ иборат аст. Дар диссертатсия:

- ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, нақши он дар сатҳи микро ва макроиқтисодиёт муайян карда шуд;

- мушкилот ва омилҳои ба идоракуни баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва дараҷаи таъсиррасонӣ ба он муайян карда шуд;

- дар асоси таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе роҳҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулот муайян карда шуд;

- дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ усулҳои идоракунии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ омӯхта шуда, бартариятҳо ва камбудиҳои онҳо нишон дода шуда, усули мувофиқ барои идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ муайян карда шуд;

- бо мақсади бартараф намудани омилҳои таъсиррасон ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ модели коррелятсионӣ–регресионӣ тартиб дода шуда, дар асоси он омилҳои асосии таъсиррасон ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муайян карда шуд;

- роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, аз ҷумла таъсиси кластерҳо дар минтақаҳо ва тарзи фаъолият ва идоракунии онҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муайян карда шуданд;

- модели маҷмуии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои идоракунии хароҷотҳои ба арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таъсиррон пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти амалии кори илмии таҳқиқотӣ.** Кори илмӣ натиҷаи тадқиқотҳои чандисола гузаронидаи илмӣ –амалии муаллиф дар ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд, танзим ва бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Пешниҳоди таҳиягардида метавонанд аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ барои мукаммалгардонии механзимҳои фаъолияти самарабахш ва рушди бозори маҳсулоти ширӣ, баланд бардоштани самаранокӣ бо мақсади зиёд намудани фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода бурда шаванд. Баъзе пешниҳодҳои кори илмиро метавон дар барномаҳои давлатии тарҳрезишудаистода оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ метавон амалӣ намуд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи Барномаҳои ислоҳоти корхонаҳои истеҳсоли саноати хӯрокворӣ барои солҳои минбаъда метавон истифода гарданд.

**Дар амал татбиқ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосӣ ва муқарраротҳои кори илмию амалӣ миёни олимон ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018 - 2019), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ қабул шудаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

**Вобаста ба кори таҳқиқоти диссертатсионӣ маъолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ аъзо бо Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) аъзобуда ба нашр расидааст.**


1. Сафарзода Г. Г. “Анализ ключевых факторов, способствующих мотивации работника” журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №10 (91 - 92) г. 2019.

2. Сафарзода Г.Г. «Экономико – организационное описание ЗАО «Молочного комбината» города Душанбе» журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №1 (109 - 115) г.2019.

3. Сафарзода Г.Г. “Ҷанбаҳои назариявии баландбардории фоида дар корхонаҳои истеҳсолӣ” маҷаллаи “Кишоварз” ISSN 2075- 9584 №3 (101 -104) с. 2019.

4. Сафарзода Г.Г. “Общие сведения об экономической эффективности производства молочной продукции: химический состав молока” журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151, №2 (111 -116). Г. 2019.

5. Сафарзода Г.Г. “Фоида – натиҷаи ниҳоии ҳадафи соҳибкор ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413-5151, №1 (79-86) с.2023.

6. Сафарзода Г.Г. “Усулҳои идоракунии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413-5151, №4, қисми I (91-96) с.2023.

1. Диссертатсияи Сафарзода Г.Г. дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – иқтисодиёти соҳаҳо (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзади илм мувофиқи “Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505)” ҷавобгӯ мебошад.

2. Кори диссертатсионии Сафарзода Г.Г. дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)”, барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – иқтисодиёти соҳаҳо (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика) барои муҳокимаи расмӣ тавсия дода мешавад.

Раиси ҷаласа,
дотсент, н.и.и. Ғаффорзода Ҷ.Ғ.

Котиби ҷаласа,
ассистенти кафедра Дустова Н.